Аз нишонаҳои қиёмат он аст, ки илм аз байн меравад ва ҷаҳлу нодонӣ зиёд мегардад, зино ва шаробнӯшӣ бештар ривоҷ меёбад, мардон кам ва занон зиёд мешаванд, то инки барои панҷоҳ зан як сарпараст (мард) мерасад

Аз Анас (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки гуфт: барои шумо ҳадисеро, ки аз Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) шунидам мегӯям, ки ғайр аз ман касе онро ба шумо нахоҳад гуфт: аз Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) шунидам, ки мегуфт: "Аз нишонаҳои қиёмат он аст, ки илм аз байн меравад ва ҷаҳлу нодонӣ зиёд мегардад, зино ва шаробнӯшӣ бештар ривоҷ меёбад, мардон кам ва занон зиёд мешаванд, то инки барои панҷоҳ зан як сарпараст (мард) мерасад".

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) баён фармудааст, ки аз нишонаҳои наздик шудани қиёмат аз байн рафтани илми шариъат аст, ки бо сабаби марги уламо ба миён меояд. (Зеро бо сабаби марги уламо илми шариат аз байн рафта ҷои онро ҷаҳлу нодонӣ фаро мегирад), ки дар натиҷаи он, ҷаҳлу нодонӣ бештар мегардад, зино ва фоҳишагӣ бештар ривоҷ ёфта шаробнӯшӣ ба авҷи худ мерасад. Шумори мардон кам ва аз занон зиёд мешавад, то онҷо, ки барои ҳар панҷоҳ зан як мард хоҳад буд, ки ба кор ва умури онҳо расидагӣ мекунад.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/65021